# 10186 - Зани талоқшуда бояд ба кишвари оилаи худ баргардад?

**савол**

Ман модари коргар (корманд) дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҳастам. Шавҳарам чанде пеш маро талоқ дод ва ман аз вазъияти худ дар ҳайратам. Шавҳарам маро таҳдид кард, ки агар ман қарор намоям, ки ба ватан баргардам ва бо оилаам зиндагӣ кунам, писарамро аз ман мегирад. Ӯ метавонад таҳдидашро иҷро кунад, зеро шавҳарам ва писарам шаҳрвандии Амрикоро доранд, аммо ман шаҳрванди Амрико нестам. Саволи ман ин аст, ки агар ман бе маҳрам зиндагӣ кунам, оё Аллоҳро ба хашм меоварам? Ман бояд чи кор кунам? Барои ҳар фарди оилаи ман омадан ба Иёлоти Муттаҳида хеле душвор аст.

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Мо ин саволро ба Ҷаноби Шайх Муҳаммад ибни Солеҳ Ал-Усаймин матраҳ намудем. Ӯ (Аллоҳ ӯро ҳифз кунад) чунин посух дод:

Агар ин зан (аз гуноҳ) дар амон бошад, ҳеҷ боке нест, ки дар он ҷо бимонад, зеро он ҷо ҳоло кишвари ӯст ва дар он ҷо зиндагӣ мекунад ва ӯ мусофир ҳисобида намешавад. Шояд шавҳаре ба наздаш биёяд (яъне шояд шавҳари дигаре пайдо мешавад) ва ба ӯ издивоҷ мекунад.

Аллоҳ донотар аст.